«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмиллалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи С. Улуғзода
доктори илми филология, профессор
_______________ Гулназарзода Ж.Б.
«25» _______________ соли 2023

**Т А Қ Р И З И**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Боиси хурсандист, ки вақтҳои охир мавзуъҳои ҷиддӣ ва мубрам аз ҷониби донишгоҳу пажӯҳишгоҳҳо ба унвонҷӯёну муҳаққиқон ҷиҳати таҳқиқ пешниҳод мегардад. Аз ҷумла, мавзуе, ки унвонҷӯи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович ба ҳимоя пешниҳод намудааст, дар илми адабиётшиносӣ мавзуи муҳим ва таҳқиқношуда аст. Мавлоно Саҳобии Астарободӣ аз зумраи шоироне мебошад, ки дар замони худ бо ашъору афкорашон дар рушди фарҳангу адабиёт саҳм гузошта бошанд ҳам, барои ҷомеаи илмии кишвари мо ношинохта мондаанд.

Саҳобии Астарободӣ дар сароидани рубоӣ ва ғазал яке аз пешгомон дар таърихи адабиёти форсу тоҷик маҳсуб мегардад. Рубоиёти ӯ ҳам аз ҷиҳати ҳунарӣ ва ҳам аз дидгоҳи фалсафию ахлоқ муҳимму арзишманд буда, аз ҷониби аҳли тазкираву муҳаққиқон истиқболи шоиста ёфтаанд. Дар ғазалиёти шоир низ ҳунари адабии ӯ ҳузур дорад,

ки дар ин мавридмуаллифи диссертатсия муфассал сухан рондааст. Фазилати дигари рисолаи мавриди гуфтугӯ он аст, ки муаллиф бар асоси манбаъҳои зиёди адабӣ ва таърихӣ, тазкираҳо осори бачоймондаи шоирро таҳқиқ намуда, зиндагиномаи ӯро барқарор, нусхаҳои осори ӯро дар китобхонаҳои мухталифи ҷаҳон пайдо ва муаррифӣ намудааст. Аз ҳамин нуқтаи назар диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи "Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ" мавзуи мубрам ва дастнохӯрдае дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб мегардад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Мубрамиву зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, вазифаи асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқ, моҳияти назарию амалии таҳқиқ, сохтори умумии кор, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари хоси ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ нишон медиҳанд. Саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назария ва консепсияҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасии онҳо, омода намудани мақолаву суханрониҳо зоҳир мешавад. Муаллиф ба таҳқиқи масъалаи илмӣ аз методҳои адабиётшиносӣ истифода карда, равия ва ҷараёнҳои нави таҳқиқоти адабиётро ба эътибор гирифтааст. Диссертант дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар диссертатсия пешниҳоднамуда, корбурди усулҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои умумиилмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, омӯзиши типологии жанрҳо, сохтори жанрии адабиётшиносӣ ва методи таҳлили системавию муназзамро мавриди истифода қарор додааст. Муҳаққиқ бар он андеша аст, ки Мавлоно Саҳобии Астарободӣ бо салосату шевогии ашъор, дарҷи афкори ҳикамӣ, масъалаву мавзуъҳои фалсафӣ шуҳрат дошта, арбоби тазкира аз ҳамаи ин хусусиятҳои ашъори ӯ сухан ба миён овардаанд. Дар тавсифу таърифи

муҳтавои ашъори шоир суханони аллома Шиблии Нуъмонӣ далели ростине аз ҷойгоҳи волои ӯ дар шеъру шоирӣ мебошад. Шиблии Нуъмонӣ Саҳобии Астарободиро дар баробари дигар шоирону орифон нобиға эътироф кардааст. Муаллиф диссертатсия кӯшиш кардааст, ки дар асоси факту далоил ва эҷодиёти шоир рӯзгори ӯро барқарор намояд ва аҳаммияти осори ӯро дар таърихи адабиёт нишон диҳад. **Мубрамияти мавзуъ**, факту далелҳо, андешаҳои шахсии муаллиф, истифодаи сарчашмаҳои дастнахӯрда, густардаву фарогир ва бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс, пажӯҳишу таҳқиқи муфассали мушаххасоти рӯзгору осори Саҳобии Астарободӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳунарии эҷодиёти ин адиб ба мо имкони комил медиҳад, ки диссертатсияи номзадии аз ҷониби Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович таълифшударо кори шоистаи илмӣ арзёбӣ намоем.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович, аз се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба талаботи масоили баррасишаванда ҳар як фасл дар навбати худ боз ба зерфаслҳо ҷудо карда шудааст. **Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷикӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори яке аз симоҳои машҳури адабиёти охири асри XVI ва аввали асри XVII, рубоисарои барҷаста Саҳобии Астарободӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. То ба имрӯз дар Тоҷикистон ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашудааст. Дар диссертатсия зиндагиномаи адиб ва осори ӯ, хусусан андешаҳои ахлоқӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ ва адабии шоир баррасӣ шудаанд. **Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**, қабл аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия

метавонад барои омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI ва XVII ба кор бурда шавад, зеро то ҳол адабиёти асрҳои мазкур мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, ин диссертатсия метавонад дар таҳқиқи адабиёти асрҳои фавқуззикр маводи арзишмандеро пешниҳод намояд. Ҳамзамон, барои таҳқиқи андешаҳои фалсафию ирфонӣ ва ахлоқии шоир заминаи мусоид фароҳам созад. Диссертатсия аввалин пажӯҳиш доир ба ҳаёт ва осори Саҳобии Астарободӣ буда, дар он қариб тамоми маъхазҳо, хусусан тазкираву баёзҳо, ки дар бораи шоир иттилоъ додаанд, зикр гардидаанд. Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамӣ ва зарурати интихоби мавзуи таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадафу объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашмаҳо, соҳа ва марҳалаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва амсоли инҳо баён шудааст.

Боби нахустини диссертатсия **«Зиндагӣ ва мероси адабии Саҳобии Астарободӣ»** унвон гирифта, аз ду фасл иборат аст. Фасли якуми боби аввал **«Рӯзгори Саҳобии Астарободӣ»** ном дорад. Муаллиф қаблан вазъи мураккаби замони зиндагонии Саҳобии Астарободиро мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода, сипас аз маълумоти мухтасару яксони сарчашмаҳо, хусусан тазкираҳо оид ба рӯзгори Саҳобии Астарободӣ ёдовар мешавад. Бо вуҷуди он ки сарчашмаҳо доир ба шоир тақрибан маълумоти яксон додаанд, муаллиф кӯшидааст, ки рӯзгори шоирро таҳқиқ ва паҳлуҳои норавшани таҳқиқи осори ӯро барқарор намояд.

Дар ин бахши диссертатсия масъалаҳои зикршуда хуб баррасӣ ва равшан карда шудаанд. Маврид ба таъкид аст, ки таҳқиқоти рӯзгору

осори Саҳобӣ кори нахустин мебошад ва пайдо намудани сарчашмаҳо худ заҳмати сангинро талаб менамояд. Бояд ин паҳлуи масъала низ дар назар гирифта шавад. Бо вуҷуди ин ҳама, муаллифи диссертатсия масъалаҳои дар назди худ гузоштаро боҷуръатона мавриди пажӯҳиш қарор дода, хулосаҳои мантиқӣ ироа намудааст. Масалан, дар мавриди муайян намудани тахаллуси шоир аз осори худи адиб истифода намуда, тахаллусашро муайян намудааст. Дигар масъалагузориҳо низ дар ин фасли диссертатсия ҷолиб буда, муаллиф бо истинод ба сарчашмаҳо онҳоро илман асоснок намуда, аз дастхатҳо ва китобҳои мунташираи шоир ба маврид истифода намудааст.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия **«Осори адабии Саҳобии Астарободӣ»** унвон гирифтааст. Муаллиф ин фаслро бо байти шоир оғоз намудааст, ки ба назари мо бозгӯкунандаи кулли ин бахш аст. Чунончи:

Низоми олам аст ин назм, бикшо дидаи маънӣ,

Ки айвони шаҳи ишқ аст девоне, ки ман дорам (диссер., саҳ.35).

Вижагии ин фасл дар он аст, ки муаллиф кӯшидааст муҳтавои ҳар як асари шоирро кушояд, теъдоди абёти онҳоро пешниҳод намояд. Аз сарчашмаҳои истифодашуда бармеояд, ки таҳқиқоти ин бахш бештар дар асоси дастхатҳои шоир анҷом дода шудааст ва арзиши илмии диссертатсияро афзун мегардонад. Пас аз баҳсу баррасиҳои зиёд муаллиф ба хулосае расидааст, ки Саҳобӣ дар жанрҳои ғазал, рубоӣ ва маснавӣ қувва озмуда, аммо дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун рубоисарои шаҳир сабт гардидааст. То замони мо 6255 рубоӣ, 535 ғазал ва маснавиҳои ӯ расидаанд. Таҳқиқоти муаллиф дар сарчашмаҳои гуногун нишон додааст, ки зиёда аз 40 дастхатти маҷмуаи осори Саҳобии Астарободӣ бо теъдоди гуногуни рубоиёту ғазалиёт ва ҷойгиршавии маснавию рисолаи «Урват-ул-вусқо» дар китобхонаву осорхонаҳои Ҳиндустон, Покистон, Британия ва Эрон мавҷуданд.

**«Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Саҳобӣ»** боби дуюми диссертатсия буда, аз чор фасл иборат аст. Фасли якум **«Ғазал ва**

**анъанаи ғазалсароӣ»** унвон гирифта, диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, то пайдоиши ғазалро аз давраи устод Рӯдакӣ то замони Саҳобӣ баррасӣ намояд. Ӯ зикр менамояд, ки ҳангоми баргардони «Девони ғазалиёт»-и шоир муайян гардид, ки Саҳобӣ ғазалиёти зебову дилкаше эҷод кардаву дар онҳо низ чун рубоиёти ӯ мазмунҳои ирфониву фалсафӣ зебову дилнишин ҷилва мекунанд. Диссертант хулоса мекунад, ки баъд аз Саҳобӣ шоироне мисли Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Бедили Деҳлавӣ ва дигарон анъанаи ғазалсароиро идома доданд.

Фасли дуюми боби дуюм **«Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ»** унвонгузорӣ шуда, аз се зерфасл иборат аст. Дар ин фасл диссертант мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти шоирро кушода, дорои мазмун ва ғояҳои ирфонӣ, фалсафию ишқӣ, панду ахлоқ ва шикоят аз нобасомониҳои ҷомеа будани онҳоро бозгӯ намудааст. Муаллиф Саҳобиро дар рубоисароӣ мумтоз дониста, ғайр аз ин зикр мекунад, ки ғазалиёти ӯ низ дорои аҳаммияти баланди адабиянд. Аз иқтибосоти ғазалиёти шоир дар ин бахш муайян мегардад, ки ишқу ошиқӣ, ҳамди Худо, зебоиҳои табиат дар ғазалиёти шоир рангоранг ҷилвагар шудаанд.

Зерфасли якуми фасли дуюми боби дуюми диссертатсия **«Мавзуи ишқу ошиқӣ»** унвон гирифтааст. Муаллиф дар такя ба тазкираи «Риёз-ул-орифин»-и Ризоқулихони Ҳидоят ва осори шоир исбот намудааст, ки ӯ дар ҳақиқат шоири орифу ошиқ аст. Хусусан, унвонҷӯ ғазали «Обу оташ»-и шоирро мисол оварда, онро таърифи ишқ аз ҷониби Саҳобӣ қаламдод кардааст. Муҳаққиқ ишқи шоирро бештар марбут ба ишқи илоҳӣ медонад. Дар ин бобат низ абёте аз Саҳобӣ мисол меоварад, ки бозгӯкунандаи иддаои муаллифи диссертатсия аст.

Дар зерфасли дуюми фасли мазкури диссертатсия, ки **«Панду ҳикмат»** ном дорад, аз ҷониби унвонҷӯ масоили пандуахлоқии ғазалиёти шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Хусусан, масъалаи ғазалиёти воқеабанд (мусалсал) ва парокандаро матраҳ намуда, исбот намудааст,

ки дар ғазалиёти парокандаи Саҳобӣ бештар масоили пандуахлоқӣ матраҳ гардидааст. Муаллиф аз дохили ғазалиёти шоир абётеро, ки дорои муҳтавои ахлоқӣ ҳастанд, ҷудо намудаву мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба ҳамин минвол, унвонҷӯ масоили пандуахлоқии шоирро ба риштаи таҳлил кашида, саъй намуда, ҷойгоҳи андешаҳои ахлоқии шоирро дар ғазалиёташ муайян кардааст.

Зерфасли сеюми ин фасл **«Мавзуъҳои дигар»** унвон гирифтааст. Муаллиф дар зерфасли мазкур нишон медихад, ки Саҳобӣ дар баробари мавзуъҳои ишқ ва панду ахлоқ, инчунин, ба масъалаҳои худогоҳию худшиносӣ, шиква аз рӯзгор, бемурувватӣ, беқадрии сухан, фақр ва дигар мавзуъҳо низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Дар ин фасл низ мушаххас аз абёти шоир иқтибос карда, матлабро рӯшан намудааст.

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия **«Бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ»** унвон гирифтааст. Муаллифи диссертатсия се вижагии ғазалиёти Саҳобиро муайян карда, ин се вижагии ғазалиёти шоирро бо далелҳо нишон додааст. Аз ҷумла, ба ҳисоби ӯ шоир дар девони ғазалиёташ 44 бор талмеҳан ба «Қиссаи ҳазрати Юсуф» ишора кардааст.

Фасли чоруми боби дуюм **«Таъсирпазирии Саҳобии Астарободӣ аз пешиниён»** ном дорад. Таҳқиқоти диссертант дар ин фасл нишон медиҳад, ки Саҳобӣ воқеан аз Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Умари Хайём, Бадриддин Ҳилолӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Рӯмӣ ва дигарон таъсир пазируфтааст. Муаллиф дар такя ба осори Саҳобӣ ва шуарои зикршуда собит намудааст, ки шоир дар воқеъ аз осори удабои дар боло зикршуда баҳрабардориҳо кардааст. Ҳамзамон, таъсири оятҳои Қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ низ дар осори шоир ба мушоҳида мерасад.

Боби сеюми диссертатсия **«Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо»** ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли якуми боби сеюм **«Мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобӣ»** ном гирифта аз се зерфасл иборат аст. Боби мазкур аслан ба рубоиёти Саҳобӣ ихтисос дода

шудааст. Муаллиф дар фасли якуми ин боб мухтавои рубоиёти шоирро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз таҳқиқот дар ин фасл бармеояд, ки Саҳобӣ воқеан шоири мумтоз аст, зеро дар рубоиёташ мавзуъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ишқӣ ва пандуахлоқӣ, ки дар адабиёт мавзуъҳои асосӣ ба шумор меравананд, бештар мушоҳида мешавад. Тибқи ахбори сарчашмаҳо Саҳобӣ охирин шоирест, ки рубоиёти фалсафӣ гуфтааст. Зерфасли якуми фасли якуми боби сеюми диссертатсия **«Андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир»** ном гирифтааст. Дар аҳди Саҳобӣ рӯ овардани шоирон ба мавзуъҳои ишқӣ-ирфонӣ ба ҳукми анъана даромада буд, адабиёт то андозае аз ҳаёти иҷтимоӣ ба масоили динию тасаввуфӣ майл карда буд. Дар рубоиёти шоир ақидаҳои иҷтимоӣ, вазъи сиёсии замонеро, ки шоир зистааст, яъне, асри XVI ва аввали асри XVII, ба назар мерасанд. Ба ақидаи муаллиф, агарчи 95 дарсади рубоиёти ӯро мавзуи ишқу ирфон ва панду ахлоқ дар бар мегирад, аммо ба ҳар ҳол, дар онҳо ба мавзуъҳои иҷтимоӣ, шикоят аз рӯзгори тираву тор ва танқиди замон низ рӯ ба рӯ гардидааст. Зерфасли дуюми фасли зикргардида **«Андешаҳои ирфонӣ дар рубоиҳои Саҳобӣ»** унвон гирифта, ба пажӯҳиш ва таҳлили рубоиёти ирфонии шоир иртибот мегирад. Ба баррасӣ кашидани масоили ирфонӣ ин ё он шоир аз муҳаққиқ дониши амиқ ва огоҳии комил аз ирфону фалсафаро тақозо менамояд. Бо вуҷуди ин, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки нахустин бор масоили ирфонию фалсафӣ дар рубоиёти Саҳобии Астарободӣ яке аз шоирони орифу файласуфро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Аз ин бахши таҳқиқот бармеояд, ки дар воқеъ ирфон ва фалсафа дар эҷодиёти Саҳобӣ ба таҳқиқоти алоҳидаву густарда ниёз дорад. Диссертант дар зерфасли сеюми фасли мазкур, ки **«Андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти шоир»** ном дорад, масоили пандуахлоқии ашъори Саҳобиро таҳлилу таҳқиқ кардааст. Андешаҳои ахлоқӣ дар ашъори Саҳобӣ тобиши махсус доранд, зеро шоир яке аз гӯяндагони рубоиёти ахлоқӣ аст. Аз таҳқиқоти унвонҷӯ дар ин фасл низ сарояндаи мумтози рубоиёти пандуахлоқӣ будани шоир

хуб эҳсос мегардад. Аз ҳамин ҷиҳат низ, мақоми Саҳобӣ дар адабиёти форсу тоҷик барҷаста аст, зеро асоси адабиётро хислати нек ва ахлоқи ҳамида ташкил медиҳад. Ба таъкиди муаллиф масоили пандуахлоқӣ дар рубоиёти шоир мақоми воло доранд.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия **«Забон ва услуби баёни адиб»** ном дорад. Муаллиф дар ин фасл забон ва услуби баёни Саҳобиро таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар ин бахш собит шудааст, ки шоир забони шевою дилкаши модариашро пос доштаву барои густариши он тавассути ашъораш саҳм гузоштааст. Ҳамон гуна ки дигар классикони адабиёти форсу тоҷик барои рушди забону фарҳанги худ талош кардаву забони фасеҳу равони худро нигоҳ доштаанд, Саҳобӣ низ новобаста аз ҳиҷрат аз зодгоҳаш забони ашъорашро шевову дилпазир нигоҳ доштааст.

Муҳаққиқ дар фарҷоми ҳар қисмати кор натоиҷи бадастовардаи худро ба таври мухтасар хулоса карда бошад ҳам, боз дар 19 банди хулосаи диссертатсия маҷмуи хулосаи таҳқиқоти хешро ба таври мушаххас ҷамъбандӣ кардааст.

Китобномаи диссертатсия аҳаммияти илмии корро афзун мегардонад. Аҳамияти дигари таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф масоили дар пеш гузоштаро муҳокима ва таҳлилу баррасии амиқ намуда, боҷуръатона назари шахсии хешро баён дошта, хулосаи мантиқӣ ироа кардааст. Муҳаққиқ тавонистааст, ки аз уҳдаи пажӯҳиши рӯзгору осори ин шахсияти барҷастаи адабӣ ба хубӣ барояд.

Дар диссертатсия дар баробари дастовардҳо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзунии ҳусни таҳқиқ хоҳанд буд:

1. Агар мавзуву муҳтавои рубоиёт ва ғазалиёти шоир дар як боб пажӯҳиш мешуданд ва дар боби сеюм ҷанбаҳои ҳунарӣ, санъатҳои бадеӣ дар ашъори Саҳобӣ таҳқиқ мегардиданд, диссертатсия боз ҳам рангу ҷилои тоза мегирифт.

2. Дар баъзе маврид дар кор солҳо ба ҳиҷрии қамарӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ба шакли melодӣ (диссер., саҳ, 19; 20; 34) оварда шудааст. Агар санаҳо яксон оварда мешуданд, беҳтар мебуд.

3. Дар матни диссертатсия такрори андешаи муаллиф, хатоҳои техникӣ (диссер., саҳ, 14; 98, 104, 134, 145...) ба назар мерасанд.

4. Дар баъзе фаслҳои рисола хулосаҳо таҳрирталаб мебошанд.

Эродҳои зикршуда аҳаммияти дуюмдараҷа дошта, бар мазмуну мундариҷаи кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд ва ислоҳи онҳо боиси беҳбуди кор мегардад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дошта, муҳтавои асосии диссертатсия дар 15 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 23- юми майи соли 2023, суратҷаласаи № 10 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Шамсов Н. С.**

**Эксперт:**
**номзади илми филология, дотсенти**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Боев Ш. Э.**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология, муаллими калони**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Додихудоев Ё. Ш.**

**Имзоҳои Шамсов Н.С., Боев Ш. Э.**
**ва Ё. Додихудоевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Б. Ғ.**

734019, ш. Душанбе,
кӯчаи Ф.Муҳаммадиев 17/6,
тел.(+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru.
25-уми майи соли 2023